**Тақриз**

**ба автореферати Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна дар мавзӯи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ-типологӣ пешниход шудааст.**

Мусаллам аст, ки таҳқиқи робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ дар марҳилаи кунунӣ яке аз муаммоҳои мубрам дар омӯзиши муқоисавии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои гуногунсохтор муаррифӣ мешавад. Дар қонуниятҳое, ки ҳар ду забони мавриди таҳлил: тоҷикӣ ва англисӣ дар радифи ду забони дигари ҷаҳон: тоҷикиву англисӣ аз ҷумлаи ширинтарину шевотарин забонҳои олам ба шумор меоянд. Чунин сифати ин забонҳо дар madди аввал ба фаровонии таркиби луғавии онҳо, ки инъикоскунандаи воқеии манзараи таърихи тӯлонии забон маҳсуб мегардад, вобаста аст. Аммо таърих гувоҳ аст, ки таркиби луғавии ҳар ду забони тазаккурёфта низ танҳо аз ҳисоби захираҳои луғавии худӣ пеш нарафтаанд. Забони англисӣ мисли забонҳои дигари ҷаҳон ҳам дар гузашта, ҳам дар замони муосир аз ҳисоби захираҳои луғавии забонҳои дигар доираи таркиби луғавии худро бой гардонида, яке аз самтҳои мубрами пажӯҳиш дониста мешавад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна дарёфти робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ дар сатҳи лексика ба шумор рафта, он басо муҳим ва замонавӣ арзёбӣ мегардад. Барои татбиқи ҳадафи пешгузоштаи худ муҳаққиқ вазифаҳои басо муҳимро ҳаллу фасл намудааст, ки мавзӯи мавриди таҳқиқ қароргирифта дар муайян намудани теъдоди умумии иқтибосҳои тоҷикиву англисӣ ва замони роҳёбии онҳо, ошкор намудани мавҷудияти иқтибосҳо дар давраҳои гуногуни инкишофи забонҳои тоҷикиву англисӣ, мушаххас кардани сабабҳо ва усулҳои воридшавии унсурҳои луғавии забонҳои мавриди пажӯҳиш ба якдигар, нишон додани гурӯҳҳои маъноии вожаҳои иқтибосии ин забонҳо, ошкор сохтани теъдоди ҳамвожаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муайян намудани нақши забонҳои дигар дар иқтибоси вожаҳои тоҷикӣ ба забони англисӣ ва англисӣ ба тоҷикӣ, нишон додани нақши забони тоҷикӣ дар роҳ ёфтани калимаҳои забонҳои дигар ба таркиби луғавии забони англисӣ, ошкор намудани дараҷаи аз асли худ дур шудани ин гуна иқтибосҳо аз нигоҳи сохтору маъно ва сабабҳои ғанӣ шудани чунин вожаҳо ва вариантҳои онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дониста шудаанд.

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна аз муқаддима, се боб, хулоса ва фехристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ, вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввал - **“Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ”** – аз шаш фаслу ҳашт зерфасл иборат буда, дар ин бахшҳо вижагиҳои истифодаи унсурҳои луғавии тоҷикӣ дар забони англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Боби 2-юм - **“Корбурди вожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ”**-ба масъалаи такмилёбии таркиби луғавии забони англисӣ аз ҳисоби вожаҳои аслии тоҷикӣ бахшида шудааст. Таърих гувоҳ аст, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаву ифодаҳои англисӣ мисли вожаҳои забонҳои дигари ҷаҳон ба воситаи забони русӣ ворид гаштаанд.

Иқтибосҳои англисии дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ мавҷуда мисли вожаҳои тоҷикии дар забони англисӣ дучороянда аз ҷиҳати маъно ягона набуда, соҳаҳои гуногуни ҳаётиро инъикос менамоянд.

Ин гуна калимаҳо аз рӯйи замони ба таркиби луғавии забонҳои дигар, аз ҷумла тоҷикӣ дохил гардиданашон ягона набуда, шуморе аз онҳо барвакт, қисми дигар баъдтар иқтибос шудаанд. Сабаби чунин гуногунии замони дохилшавии онҳо ба пайдоиши ин гуна воситаҳо вобаста аст. Маълум аст, ки калимаҳои троллейбусу трамвай назар ба ҷип барвакт ба вуҷуд омаданд.

Боби сеюм - **“Ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ”** -ба таҳлили калимаҳое дар ҳар ду забон бахшида шудааст. Чунин калимаҳоро забоншиносон бо истилоҳҳои “изоглосс”, “ҳамвожаҳо”, “вожаҳои поя” “вожаҳои поя ва ҳаммонанд”, “вожаҳои ҳампоя ва решапоя” ном бурдаанд.

Ҳамвожаҳо гузаштаи хеле куҳан дошта, бо мурури замон дар заминаи қонунҳои дохилии забон ҳам аз нигоҳи талаффуз, ҳам аз ҷиҳати маъно дигаргуниҳои муайянро аз сар гузаронида, баъзеяшон дар яке аз забонҳои хеш боқӣ мондаанд, дар дигаре аз байн рафтаанд.

Диссертатсияи таҳиянамудани Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна аз он ҷиҳат ҷолиб дониста мешавад, ки он дар асоси таҳқиқоти назарии забоншиносии муосир ва дигар манбаъҳои арзишманди илмӣ таҳия гардида, дар пажӯҳиши масъалаҳои мубрам методҳои маъмул ва мустаъмали таҳқиқоти илмӣ мавриди корбарӣ қарор дода шудаанд.

Автореферат бо забони хубу фаҳмои илмӣ таълиф гардида, муқоиса ва бандубасти маводи мавриди таҳқиқ дар бобҳо ва фаслҳо хеле мураттаб таҳлил шудааст.

Ба нуқтаҳое, ки дараҷаи илмию назарии тадқиқотро коҳиш намедиҳанд, чунин эродҳо мансубанд:

1. Ишора ва истинод ба манобеи илмӣ ва тасвири библиографии манбаъҳои мавриди истифода дар матни диссертатсия ва автореферат бояд яксон ва ба стандартҳои амалкунанда мувофиқ карда шавад.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубиву мантиқӣ роҳ ёфтааст.

Эродҳои марбут ба автореферат арзиш ва моҳияти илмии онро коҳиш намедиҳанд.

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анвархоҷаевна дар мавзӯи "Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ-типологӣ пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Мудири шуъбаи забони
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илмҳои филологӣ    Мирзоев Сайфиддин

Сана: 16.11.2020

Имзои С. Мирзоевро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ    Нарзиқулова Ҳилола